Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2022. – 27 саҳ.).**

Рисолаи диссертатсионии Имомов Ҳ. Ш. ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи конститутсионӣ бахшида шуда, дар он муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии дар ҷараёни таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар фаъолияти мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва робитаҳои ҳизбҳои сиёсӣ бо дигар падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳлил ва маҷмуи масъалаҳои назариявӣ ва амалии мансуб ба мақоми ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ниҳоди ҷамъиятӣ ва падидаи мустақили илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ, инчунин танзими восита ва усулҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти он таҳқиқ карда мешавад.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва таъмини сулҳу субот дар мамлакат, зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи нав – бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо арзишҳои миллӣ ба миён омад. Дар ҳамин росто, аввалин маротиба Конститутсияи замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 6 ноябри соли 1994 тариқи овоздиҳии умумихалқӣ қабул гардид.

Бояд иброз дошт, ки хусусияти хоси ин санади олии ҳуқуқӣ дар фарқият аз конститутсияҳои қаблӣ дар он аст, ки фарогири тамоми падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва арзишҳои умумиэътирофнамудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Яке аз чунин ниҳодҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳизбҳои сиёсӣ ба шумор мераванд, ки заминаи онро гуногунандешии сиёсӣ, гуногунандешии мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ ва демократия дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ташкил медиҳанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ яке аз ниҳодҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бисёрҳизбиро эътироф намуда, инкишофи ҳаёти ҷамъиятиро ба рушди равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ асос медиҳад. Ҳизбҳои сиёсӣ ягона иттиҳодияи ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки аз тарафи шаҳрвандони Тоҷикистон дар асоси умумияти ҳадафҳо ва мақсадҳои сиёсӣ таъсис дода мешаванд.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маҷлиси Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 январи соли 2017 иброз доштанд: «...Ҷомеаи шаҳрвандӣ зодаи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ мебошад ва дар навбати худ ҳар қадаре, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишоф ёбад, давлати демократӣ ҳам ба ҳамон андоза пеш меравад. Ҳоло дар мамлакат 7 ҳизби сиёсӣ ва қариб дуюним ҳазор созмони ҷамъиятӣ бо дархосту пешниҳоди созандаи худ таъсиргузор буда, онҳо дар доираи талаботи оинномавии худ ба хотири пешрафти соҳаҳои гуногуни сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат саъю талош мекунанд».

Баҳсҳои илмӣ оид ба мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ, эътирофи ҳизбҳои сиёсӣ чун иштирокчии хоси муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, мафҳум ва нишонаҳои асосии ҳизбҳои сиёсӣ чун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ, принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар амалӣ гардонидани ҳокимияти давлатӣ ва ҳамкории ҳизбҳо бо дигар падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шароити имрӯза аҳаммияти муҳиммеро касб менамояд.

Маҳз бо назардошти мубрамияти мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа, имрӯз зарурат ба миён омадааст то дар муҳити илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии он мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Бинобар ин, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Имомов Ҳ.Ш. саривақтӣ буда, мубрамияти худро дар ҷомеаи имрӯза, ки дар он принсипи гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ мақому манзалати хос дорад, бештар соҳиб шудааст.

Таҳқиқоти диссертант фарогирандаи феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Унвонҷӯ дар баробари он ки масъалаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсиро мавриди омӯзиш қарор додааст, инчунин ба таърихи пайдоиш ва ташаккули падидаи мазкур ҳам дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва ҳам дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса додааст.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки «оид ба мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар байни олимон баҳсҳои зиёд вуҷуд дошта, аз тарафи онҳо андешаҳои гуногуни илмӣ пешниҳод карда шудаанд» (с. 21-28).

Рисоланавис бар он ақида аст, ки «мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ пеш аз ҳама бо мавқеи ишғолкардаи онҳо дар низоми сиёсии ҷомеа муайян карда мешавад. Дар баробари ин, ҷойи онҳоро меъёрҳои ҳуқуқии дахлдори дар Конститутсияи мамлакат ва қонунҳои конститутсионии муқарраргардида муайян мекунанд. Дар санадҳои

қонунгузории мазкур мафҳуми ҳизби сиёсӣ, сохтори он, тартиби таъсис, шарти боздошт ва барҳамдиҳии ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, принсипҳои ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ғайра ифода гардидаанд» (с. 79-80).

Маврид ба тазаккур аст, ки рисолаи илмӣ дар заминаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо омода карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоди илмӣ-амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар инкишофи илми ҳуқуқи конститутсионӣ, таҷдиди қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт, саҳмгузор бошанд.

Таҳлили автореферати диссертатсия ва маълумоти дар он дарҷшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович доир ба мавзӯи илмии анҷомшуда 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо назардошти андешаҳои боло як қатор нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ пешниҳод мешаванд, аз ҷумла:

1. Диссертант дар банди 3 нуктаҳои назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд менамояд, ки дар ҷомеаи демократӣ ба робитаи байни ҳизбҳои сиёсӣ ва давлат аҳаммияти хосса дода мешавад. Пеш аз ҳама фаъолияти ҳар як ҳизби сиёсӣ дар Тоҷикистон бояд бо меъёрҳои возеҳи мушаххаси ҳуқуқӣ-конститутсионӣ (муқаррар) ё мустаҳкам гардад. Ин меъёрҳо пеш аз ҳама иборатанд аз: қобилияти ҳуқуқдории ҳизбҳои сиёсӣ; мақоми ҳуқуқии онҳо ва салоҳияти онҳо.

Ҳамзамон, фаъолияти онҳо бояд кафолатҳои ҳуқуқӣ дошта бошад, ки бешубҳа ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва конститутсионии ҳизбҳои сиёсиро барои риоя накардани қонунҳои амалкунандаи давлат истисно намекунад.

Ба назари мо, дар дохили ин нуктаи пешниҳодшаванда усулҳои ҳуқуқии мақоми ҳизбҳои сиёсиро низ ҷойгир мекарданд, мазмуни он пурратар мегардид (с. 9).

2. Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти диссертатсионии худ қайд менамоянд, ки ҳам дар илми сиёсатшиносӣ ва ҳам дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ таъриф ва мафҳуми умумипазируфташудаи ҳизби сиёсӣ вуҷуд надорад (с. 13). Аз муаллифи диссертатсия ҳангоми ҳимоя намудани рисолаи таҳқиқотӣ мафҳуми ҳизби сиёсӣ ва фарқияти он дар илми ҳуқуқшиносӣ ва илми сиёсатшиносӣ пурсида мешавад.

Бояд зикр кард, ки эродҳои мазкур хусусияти мубоҳисавӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар маҷмуъ, хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Раҷабзода Р.М.**

Имзои Раҷабзода Р.М-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Сафарзода Ф.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

734024 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42; тел: (992 37) 221- 78-93, (992) 918 - 61 – 18 - 53; E-mail - rrm_67@mail.ru